**АГЕНТИИ ОМОРИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

.

**Бо Фармоиши Директори Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.09.с.2019 №35 тасдиқ карда шудааст**

# Дастурамали Шакли №1 СА (мохона- солона)

## 1. Қоидаҳои умумӣ

Ҳисоботи шаклҳои №1-СА (фаврӣ)-ро тартиб медиҳанд: ташкилотҳои пудратӣ – ашхоси ҳуқуқӣ, сарфи назар аз шакли моликият, тобеияти идоравӣ, ки фаъолияти асосиашон аз иҷрои корҳои пудратии қарордодии фармоишгарон, дар соҳаи «Сохтмон» дахл дорад.

Ҳамаи ташкилотҳои умумисохтмонӣ ва махсускардашуда ҳисобот пешниҳод менамоянд:

Ташкилотҳои таъмиру сохтмон, ки ба таъмири асосии биноҳо ва иншоотҳои истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ, бо таъмиру сохтмони биноҳои истиқоматӣ (хонаҳои ҳуҷрадор) ва ба дигар корхои бинокорӣ мувофиқи фармоишоти аҳолӣ машғуланд;

Корхонаҳои саҳомӣ-(идораҳои) механиконӣ ва Ҷамъиятҳои Масъулияташон Маҳдуд, ки бевосита бо қувваи худ корҳои сохтмону **васлгариро мувофиқи** қарордод бо бинокорон ё бо дигар ташкилотҳои пудратӣ иҷро менамоянд;

Ташкилотҳои танзимгару ба истифодадиҳанда, ки дастгоҳҳои васлшударо аз ҳисоби маблағгузорӣ ба кор медароранд ва танзим менамоянд; ташкилотҳои пармагар, ки ба корҳои пармагарии ҷуқурии кашфиёт ва ба дигар корҳои вобаста ба сохтмони чоҳҳои кашфиёти нафту газ, инчунин ба сохтмони чоҳҳои истифодашавандаи нафту газ ва обҳои маъданӣ машғуланд, ки аз ҳисоби маблағгузорӣ, корхонаҳои кооператсияи матлубот, корхонаҳо ва ташкилотҳои шакли моликияташон коллективӣ-иҷоравӣ, корхонаҳо коллективӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ҷамъиятҳои саҳомӣ, ҷамъиятҳо, ширкатҳои хоҷагидор, ассосиатсияҳои иттиҳодияҳои хоҷагидор сохта шудаанд.

Ҳангоми тартиб додани ҳисобот ташкилот бояд дар варақа зери ҳамон шакли моликият хат кашад, ки дар асоси вай қарор дорад.

Ташкилоти пудратӣ, ки дар ҳайати худ воҳидҳои истеҳсолӣ дорад, ки ашхоси ҳуқуқӣ намебошанд, ғайр аз ҳисоботи ҷамьбастӣ аз реи ҳар кадом воҳид ё бо супориши вай худи воҳиди истеҳсолӣ ҳисобот пешниҳод менамоянд.

Агар дар ҳайати ташкилотҳои пудратӣ қитьаҳои сохтмону васлгарии тобеи худашон мавҷуд бошанд, ки шахси ҳуқуқӣ нестанд, дар он сурат ин ташкилоти пудратӣ умуман оид ба ин қитьаҳо ҳисобот тартиб медиҳад, қитьаҳои мазкур аз реи шакли №1-СА ҳисобот тартиб намедиҳанд.

Аз реи сохтмони асосӣ ҳисоботи оморӣ қатьиян ба меҳлати тақвимии муқарраршудаи ҳисобот тартиб дода мешавад. Ташкилотҳои навтаъсис иттилооти омориро барои даврае пешниҳод менамоянд, ки аз меҳлати қайд шуданашон то охири давраи ҳисобот дар бар мегирад.

Ҳамаи нишондиҳандаҳои арзишнок дар шакли № 1-СА бо нархҳои амалкунандаи аслии солҳои дахлдор навишта мешаванд.

Барои дар ҳисоботи ташкилотҳои пудратӣ навиштани арзиши корҳои иҷрошуда маълумотҳои қайди аввалия ва ҳуҷатҳои дахлдори арзиши корҳои иҷрошуда, ки фармоишгар тасдиқ намудааст, асос шуда метавонанд.

Маълумотҳои дар сутунҳои барои давраи дахлдори соли гузашта сабтшуда бояд ба сохтори ташкилот охири давраи соли ҳисобот навишта шаванд.

Ҳамаи нишондиҳандаҳои ҳисобот аз реи қисматҳои дар соли ҷорӣ супурда ё ба иҷрои аслӣ кардашуда аз аввали соли ҷорӣ дохил ё аз он соқит карда мешаванд, яъне барои тамоми давраи ҳисобот сарфи назар аз санаи аз қайд баровардан ё қабул кардани қисмат ба эътибор гирифта мешаванд.

Ҳангоми дар давраи ҳисобот барҳам хердани ягон қисмат ё обеъкти сохторӣ ҳамаи маълумотҳои ба он вобаста аз ҳисобот хориҷ карда намешаванд.

Дар сурати барҳамхерӣ ё тағйир ёфтани шакли моликияти ташкилоти ҳисоботдиҳанда ҳамчунин барои давраи охири ҳисобот дар бораи фаъолияти худ дар варақаҳои ҳамаи шаклҳои ҳисоботи солона иттилоот пешниҳод менамояд.

Ташкилотҳои пудратӣ корҳоро аз реи қарордодҳои асосӣ, мустақим ва пудратҳои майда иҷро менамоянд.

Корҳое, ки ташкилотҳо мувофиқи қарордод бо фармоишгар барои тамоми арзиши корҳои сохтмон имзокардаашон иҷро менамоянд, ба корҳое дохиланд, ки бо қарордодҳои асосӣ иҷро карда мешаванд.

Дар ҳолатҳои алоҳида дар сохтмонҳои бузург, ба тариқи истисно, якчанд қарордоди асосӣ имзо кардан мумкин аст.

Корҳое, ки ташкилотҳо мувофиқи қарордоди бевосита бо фармоишгар имзо кардаашон барои сохтмони объектҳои ҷудогона ва корҳои маҷмеи иҷро менамоянд, ба корҳои қарордоди мустақим дохил мешаванд.

Корҳое, ки ташкилотҳо мувофиқи қарордоди бо дигар ташкилотҳои пудратӣ имзокардаашон барои иҷрои намудҳои ҷудогонаи корҳо ба ҷо меоранд, ба корҳои қарордодии ғайримустақим дохил мешаванд.

Ғайр аз ин, ба ҳаҷми корҳои сохтмону васлгарӣ аз реи арзиши ҳақиқӣ ҳамаи хароҷоте, ки ба муносибатҳои бозорӣ алоқаманд мебошанд дохил карда мешаванд:

а) <u>бо ҳисоби хароҷоти илова ва андехтҳои нақшавӣ</u>

--арзиши сметавии корҳои ба пудратчӣ супоришшуда бо нархҳои ҷорӣ ;

--музди иловагии меҳнат;

-фарқияти андехтҳои нақшавӣ

-тағйироти таърифаҳои қувваи барқ

б) бе назардошти ҳисоби хароҷоти илова ва андехтҳои нақшвӣ.

--маблағ барои пешонидани хароҷоте, ки оид ба захираҳои моддӣ, таърифаҳои ҳамлу нақли бор, арзиши истифодаи мошину механизмҳо, пардохти хароҷоти илова, ки ба амалӣ намудани қарорҳои қабул кардаи ҳукумат ва ташкилотҳои дахлдори иқтисодӣ вобастаанд, дар асоси базисӣ ба ҳисоб гирифта нашудаанд.

Дар ҳисоботи шакли №1-СА ташкилотҳои пудратӣ дар қатори корҳои сохтмону васлгарӣ корҳои таъмири асосии биноҳо ва иншоотро, аз он ҷумла корҳои таъмири хонаҳо (хонаҳои ҳуҷрадор ) ва дигар иморатро бо фармоиши аҳолӣ аз ҳисоби худи фармоишгарон иҷро менамоянд, инчунин дигар корҳои пудратиро нишон медиҳанд. Рейхати дигар корҳои пудратӣ дар замимаи №1 сабт шудааст.

Ба арзиши корҳои пудратӣ (аз он ҷумла ба арзиши корҳои таъмири асосӣ) дохил карда намешаванд:

Арзиши бинову иншооти муваққатӣ, ки сохтмони онҳо аз ҳисоби хароҷоти илова анҷом дода мешавад .

Арзиши корҳои васл ва ба қисмҳо ҷудо кардани мошину механизмҳои сохтмон ва корҳои васл ва ҷудо кардани роҳҳои оҳани зери манораи кранҳо ба арзиши корҳои пудратӣ дохил карда мешавад.

. Хароҷоти вобаста ба истифодаи объектҳо;

Арзиши корҳои барҳамдиҳии ноқисот ва аз нав ба ҷо овардани корҳои бадсифати сохтмону васлгарӣ ва дигар корҳо;

Арзиши дастгоҳҳои васлшаванда ва ба қисмҳо ҷудошаванда, инчунин арзиши қисмҳои харидашуда ё дар сохтмон тайёр кардашуда барои мукаммал кардани дастгоҳҳо;

Маҳсулот ва хизмати истеҳсолоти ёрирасон ва хоҷагиҳои хизматрасон;

Арзиши қисм, блокҳо, конструксияҳо ва маводи сохтмони овардашуда ё дар майдони сохтмон тайёр кардашуда, ки ҳанез ба кор бурда нашудаанд.

Фасли 1. Ба кор андохтани иқтидорҳои истеҳсолӣ ва объектҳои иҷтимоию фарҳангӣ .

Дар ин фасл дарҷ карда мешаванд: маълумотҳои иқтидорҳои истеҳсолӣ ва маълумотҳо дар бораи объектҳои иҷтимоию фарҳангӣ (аз он ҷумла объектҳои сохтмонҳои худӣ), ки мувофиқи қарордодҳои асосӣ ва мустақим, сарфи назар аз манбаҳои маблағгузории сохтмони онҳо ба ҷо оварда шудаанд.

Ташкилотҳои пудратие, ки танҳо намудҳои ҷудогонаи корҳоро аз реи қарордодҳои мустақим ё корҳои махсусро аз реи қарордоди ғайри мустақим иҷро менамоянд, ин фаслро пур намекунанд.

Дар бораи ба истифода додани иқтидорҳои истеҳсолӣ ва объектҳои иҷтимоию фарҳангӣ: хонаҳои истиқоматӣ, шифохонаҳо, амбулаторияю дармонгоҳҳо, донишкадаҳои касбию техникӣ, мактабҳо, муассисаҳои томактабӣ, корхонаҳои гармирасонӣ, канализатсия, газгузаронӣ, облелаҳо дар сатрҳои холӣ вазоратҳо – фармоишгароне, ки сохтмони онҳоро ба ҷо меоранд, навишта мешаванд.

Дар сутуни 1 маълумотҳо дар бораи иқтидорҳои истеҳсолӣ ва дар бораи обектҳои иҷтимоию фарҳангӣ, ки барои як сол қарордод имзо шудааст, навишта мешаванд.
Дар сутуни 2 маълумотҳо дар бораи ба кор андохтани объектҳо аз реи андозаҳое, ки мутобиқи тартиботи муқар-раршуда амалан ба истифода қабул карда шудаанд, дарҷ карда мешаванд.

Фасли 2. Арзиши корҳои пудратӣ дар таркиби нархҳои қарордодӣ

Дар ин фасл навишта мешаванд:
маълумотҳо дар бораи арзиши корҳои пудратии иҷрошуда (аз он ҷумла сохтмони худи ташкилоти ҳисоботдиҳанда) аз реи қарордодҳои асоси мустақим ва майдапудрат аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои сармоядиҳӣ.
Арзиши корҳои пудратӣ аз реи нархҳои қарордодӣ навишта мешаванд, ки ташкилотҳои пудратӣ бо қарордод иҷро мекунанд, вале ба соҳаи «Сохтмон» (корҳои лоиҳа-кашию тадқиқоти корҳои таъмини сохтмон бо таҷҳизот ва ғайра) дахл надорад.
Дар сатри 007 арзиши корҳои пудратӣ, ки арзишҳои зеринро дар бар мегиранд, навишта мешаванд:
корҳои сохтмону васлгарӣ, ки аз ҳисоби маблағгузории мутамарказӣ ва маблағи, корхона ва ташкилотҳои давлатӣ иҷро карда шудаанд;
корҳои сохтмону васлгарӣ, ки аз ҳисоби маблағи худи корхона ва ташкилотҳои иҷоравӣ, кооперативӣ, коллективӣ ва ташкилоту корхонаҳои ҷаъмиятӣ, кол-хозҳо, бинокунандагони манзилҳои истиқоматии шахсӣ иҷро кардаанд;
корҳои таъмири асосӣ ва дигар корҳои пудратӣ (руйхати ин корҳо дар замимаи 2 оварда шудааст); корҳои қарордоди ғайримустақим иҷро шуда.
Дар сатри 07 сабт карда мешаванд: арзиши корҳои таъмири асосии биноҳо ва иншоот ва «дигар корҳои пуд-ратӣ», ки барои ташкилотҳои давлтӣ, ташкилотҳои шак-ли моликияташон коллективӣ аз реи фармоиши аҳолӣ иҷро карда шудаанд.
Корҳои пудратии таъмири асосӣ маъмелан аз реи қарордоди мустақим иҷро карда мешаванд, бинобар ин дар сатри 07 таъмири асосии иҷрошуда танҳо аз реи қарордоди мустақим нишон додашуда дарҷ карда мешавад.
Агар иҷрои таъмири асосӣ мувофиқи қарордоди майдапудрат пешбинӣ шуда бошад, дар он сурат чунин корҳо дар сатри 07 сабт карда намешаванд ва ба сатри 322 ҳамчун корҳои пудратии хурд дарҷ карда мешаванд (дар сатри 320 ин корҳоро пудратчиёни асосӣ сабт мекунанд).
Дар сатри 08 нишон дода мешаванд: арзиши корҳои сохтмону васлгарӣ, ки ташкилотҳои ҳисоботдиҳанда аз реи қарордоди майдапудрат бо пудратчии асосӣ барои объектҳое имзо кардаанд, ки аз ҳисоби маблағгузории кор-хонаву ташкилотҳои давлатӣ, инчунин аз ҳисоби корхонаву ташкилотҳои шакли моликияташон колективӣ ба амал бароварда мешаванд. Ин корҳоро майдапудратчӣ маъмелан бо қувваи худ иҷро менамояд.

Чунин тақсимот имкон медиҳад, ки тавассути истиснои гардиши дохилӣ арзиши корҳои пудратӣ иҷрокардаи вазоратҳо (идораҳо) умуман дуруст муайян карда шавад.

Фасли 2.Иҷрои корҳои пудратӣ

Дар сутуни 1 маълумотҳо дар бораи қарордоди корҳои пудратии барои як сол имзошуда, ки бо қувваи худ иҷро мегарданд, навишта мешаванд.

Дар сутуни 2 маълумотҳо дар бораи арзиши корҳои пудратии аз аввали сол то худи моҳи ҳисобот иҷрошуда навишта мешаванд.

Арзиши корҳои пудратӣ дар таркиби нарххои қарор-додӣ, ки аз реи вазоратҳои (идораҳои) фармоишгар (аз ҳисоби ҳамаи манбаҳои маблағгузорӣ иҷро карда шудаанд.

Дар фасли 3 нишон дода мешаванд: маълумотҳо дар бораи арзиши корҳои пудртӣ, ки дар асосӣ қарордодҳои асосӣ ва мустақим дар объектҳои итеҳсолию ғайриистеҳсолӣ аз ҳисоби ҳамаи манбаҳои маблағгузорӣ (бо тақсим ба сатрҳои холӣ аз реи вазоратҳои (идораҳои) фармоишгар) иҷро карда шудаанд. Ҳаҷми иҷрои корҳои пудратӣ аз ҳисоби сарчашмаҳои маблағгузорӣ: давлатӣ, шахсӣ ва дигар маблағҳо.